УДК 33Т
ББК 65.9 (5Т)
М 92

**МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИВУ ТИҶОРАТИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ИДМ**

***Ашуров Муҳаммади Нусратович*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти ДДМИТ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе), e-mail: m_a_84-84@mail.ru*
***Муҳсинова Парвина Абдулқосимовна*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ,сармуаллимаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров", ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail:abulkosim-m@mail.ru*
***Шарипова Дилафрӯзхон Маҳмудовна*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ,сармуаллимаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров", ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail:muhammed_sharipov@mail.ru*

**ТОРГОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА СО СТРАНАМИ СНГ**

***Ашуров Мухаммади Нусратович*** *- кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой менеджмента ТГФЭУ (Республика Таджикистан, г. Душанбе), e-mail: m_a_84-84@mail.ru*
***Мухсинова Парвина Абдулкосимовна*** *- кандидат экономических наук, старший преподователь кафедры мировой экономики ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова". г. Худжанд, Республике Таджикистан, e-mail:abulkosim-m@mail.ru*
***Шарипова Дилафрузхон Махмудовна*** *- кандидат экономических наук, старший преподователь кафедры мировой экономики ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова". г. Худжанд, Республике Таджикистан, e-mail:muhammed_sharipov@mail.ru*

**TRADE AND ECONOMIC RELATIONS OF TAJIKISTAN WITH THE CIS COUNTRIES**

***Ashurov Mukhammadi Nusratovich*** *- Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department Management TSUFE (Tajikistan Republic, Dushanbe), e-mail: m_a_84-84@mail.ru*
***Muhsinova Parvina Abulkosimovna*** *- Candidate of Economic Sciences, Senior Teacher of the Khujand State University named after Academician B.Gafurov. Khujand, Republic of Tajikistan, e-mail:abulkosim-m@mail.ru*
***Sharipova Dilafruz Mahmudovna*** *- Candidate of Economic Sciences, Senior Teacher of the Khujand State University named after Academician B.Gafurov. Khujand, Republic of Tajikistan, e-mail:muhammed_sharipov@mail.ru*

***Калидвожаҳо***: *иқтисодиёт, стратегияи идоракунӣ, тиҷорат, рушди истеҳсолот, содирот, воридот, хавф.*

*Дар мақола муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хориҷи кишвар ба таври мукаммал оварда шудааст. Мақола муҳтавои муносибатҳои дуҷонибаи омилҳои барқарорсозии иқтисоди Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи онро инъикос мекунад. Аз ҷониби муаллифон ҷадвали воридот ва содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз баъзе кишварҳои ИДМ тартиб дода шудааст. Муаллифон қайд менамояд, ки рушди тиҷорат аз бунёди сохтори бахши соҳибкории иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси шаклҳои мухталифи моликият ташкил гардидаанд ва фаъолияти якҷояи онҳо дар соҳаҳои*

*гуногуни иқтисодиёт, истеҳсолот маҳсуб ёфта, рақобати солими миёни истеҳсолкунандагонро тақвият мебахшад. Имконият фароҳам меорад, ки ҷойҳои нави корӣ ба амал ояд. Инчунин, қайд карда шудааст, ки дар шароити имрӯза дар Тоҷикистон бозори муосири молу хизматрасониҳо ташаккул ёфта, муҳити рақобатнокӣ ба амал омада, муҳити солими бозоргонӣ ташкил карда мешавад. Маҳз бо ҳамин сабаб донишҳои назариявӣ ва таҷрибавии ҷаҳонӣ оид ба қоидаҳои ба роҳ мондани бизнес, таҷриба ва малакаҳои ҷаҳонӣ ба ҳайси омилҳои пасткунандаи хавфи нокомиҳои соҳибкорӣ бaромад мекунанд.*

***Ключевые слова**: экономика, стратегия управления, бизнес, развитие производства, импорт, экспорт, риск.*

*В статье приведена информация о торгово-экономических отношениях Республики Таджикистан с зарубежными странами. Отражено содержание двусторонних отношений и дальнейшего развития экономики Таджикистана, составлена таблица импорта и экспорта Республики Таджикистан с некоторыми странами СНГ. В основе развития торговли лежит структура бизнес-сектора экономики Республики Таджикистан, организованная на основе различных форм собственности и их совместной деятельности в различных секторах экономики, производства и здоровой конкуренции между производителями, что создаст новые рабочие места. Отмечено, что в современных условиях в Таджикистане будет сформирован современный рынок товаров и услуг, создана конкурентная здоровая рыночная среда. Поэтому, теоретические и практические знания правил ведения бизнеса, мировой опыт и навыки являются фактором снижения риска провала бизнеса.*

***Key words**: economics, strategy of management, business, development of production, import, export, risk.*

*The article provides information on trade and economic relations of the Republic of Tajikistan with foreign countries. The article reflects the content of bilateral relations and further development of the economy of Tajikistan. The author compiled a table of imports and exports of the Republic of Tajikistan with some CIS countries. The author notes that the development of trade is based on the structure of the business sector of the economy of the Republic of Tajikistan, organized on the basis of various forms of ownership and their joint activities in various sectors of the economy, production and healthy competition between producers. This will create new jobs. It was also noted that in today's conditions, a modern market for goods and services will be formed in Tajikistan, a competitive healthy market environment will be created. That is why the world's theoretical and practical knowledge of the rules of doing business, world experience and skills are a factor in reducing the risk of business failure.*

Муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дӯсту бародар давраҳои тӯлонии таърихиро дар бар мегирад. Марҳилаҳои намоёни он Роҳи бузурги Абрешим ва замони пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар дар низоми муносибатҳои дуҷонибаи "стратегӣ" нақши бартари дошт, ки ҳадафи онҳо тақвият ва афзоиши ҳаҷм, номгӯй, сифати молҳо, маҳсулот ва ашёи хоми ба ҳамдигар пешниҳодшаванда мебошад. Муносибатҳои дуҷонибаӣ ҳамчун яке аз омилҳои барқарорсозии иқтисоди Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи он аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Тавре маълум аст, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, инчунин бунёд ва устувории асосҳои қонунии он яке аз самтҳои афзалиятноки ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Беҳуда нест, ки ба сифати яке аз афзалиятҳои асосии рушди кишвар дар СМР-2030 маҳз дастгирии соҳаи соҳибкорӣ ва шароити (иқлими) мусоиди сармоягузорӣ (инвеститсионӣ) дар ин ҷода муайян гардидааст.

Новобаста ба роҳи таърихии тӯлонии ташаккул ва рушди муносибатҳои соҳибкорӣ, имрӯз оид ба мазмун ва муҳтавои ин маҷмӯи қонунҳои иқтисодӣ-соҳибкорӣ фаҳмиши умумии ягона миёни ҷомеа вуҷуд надорад. Вобаста ба ин, зарурати таҳлилҳои пайдарпаю амиқи ҷараёни тавлид, ташаккул ва рушди соҳибкории ватанӣ ба миён меояд [3, 350]. Чуноне маълум аст, сарогози таърихии татбиқи ташаббусҳои соҳибкорӣ ин фаъолияти тиҷоратӣ буд, яъне замоне, ки тоҷирон бо нархгузориҳои мухталифу асоснок молу маҳсулоташонро ба ин ё он бозор мебаровaрданду фурӯшандагон онҳоро дар бозорҳо мефурӯхтанд. Таркиби соҳибкорӣ бо истифодаи нархи чаканаи бозор маҳдуд гашта, нишони асосии он дараҷаи хавфияти он ба ҳисоб мерафт. Бозорҳои шарқӣ ҳамчун шакли асосии тиҷорати оммавӣ дар шакли чаканафурӯшӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Дар баробари рушди қувваҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои молию пулӣ, соҳаи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи истеҳсолоти моддӣ инкишоф меёфт [3, 355]. Дар чунин шароит муваффақият дар

соҳибкориро на тавассути ҷустуҷӯи бозорҳои нав, балки бо пайдо намудани роҳу усулҳои мувофиқу оқилонаи истифода намудани омилҳои истеҳсолӣ дар мутобиқат бо ташаббусҳои соҳибкорӣ муайян намудан имконпазир аст.

Дар марҳилаи кунунии рушди Тоҷикистон, бо дарназардошти таҷрибаи ғании солҳои қаблӣ, Тоҷикистон бояд муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодиро бо дигар кишварҳо тавре инкишоф диҳад, ки он барои ҳарду кишвар судманд бошад ва бозгашти назаррас дошта бошад. Қисман муносибатҳои тиҷориат дуҷониба танҳо дар заминаи "табиӣ" сохта мешаванд, яъне Тоҷикистон сабзавот, пахта, мева ва дигар молҳоро ба кишварҳои ҳамсоя содир менамояд.

Ислоҳоти муносибатҳои моликият ва хусусигардонии корхонаҳо бо зарурати баланд бардоштани самаранокии онҳо ва фароҳам овардани шароит барои гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ алоқаманд буданд[5, 102].

Албатта, ин ба ягон назария зид нест. Дар воқеъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳамон пахтаро арзонтар парвариш кунад ва бартарии муайяне дошта бошад. Аммо бояд чунин фактро ба назар гирифт, ки парвариш ва ҷамъоварии пахта танҳо 50% амалиётҳоро талаб мекунад. Марҳилаи навбатӣ масъалаи коркард аст, ки бо он аллакай дар ҷумҳурӣ бо сабабҳои гуногун мушкилот пеш омадааст, масалан: таҷҳизоти кӯҳнаи корхонаҳои коркард ва бофандагӣ ва ғайра [7, 167]. Аллакай дар марҳилаи навбатӣ 50% корхонаҳои Тоҷикистон метавонистанд бо корхонаҳои Руссия барои коркарди пахтаи хом ва содироти минбаъдаи маҳсулоти тайёр ё тақрибан тайёр ба Руссия ҳамкорӣ кунанд ва бо ин дар як вақт якчанд масъаларо ҳал кунанд:

1) ин масъалаи бекорӣ аст (раванди коркард ҳар қадар амиқтар бошад, ҳамон қадар одамон ба раванди истеҳсолот ҷалб карда мешаванд, аз ин рӯ, ҳар қадаре ки шуғл зиёдтар бошад, сатҳи бекорӣ, мутаносибан, даромади бештар, сармоягузории дохилӣ ва ғ.);

2) арзиши маҳсулоти коркардшуда (ашёи хом) нисбат ба арзиши коркарднашуда хеле баланд аст, бинобар ин давлат ва корхонаҳо аз фурӯш фоидаи бештар мегиранд. Маблағро барои навсозии технологии таҷҳизот дар корхонаҳо, тайёр кардани кадрҳо истифода бурдан мумкин аст, ки дар ниҳоят рақобатпазирии маҳсулоти коркардшуда (ашёи хом) -ро баланд мебардорад.

Дар айни замон сохтори савдои хориҷии байни Тоҷикистон ва Руссия «захира ва ашёи хом» мебошад, яъне ҳиссаи маҳсулоте, ки танҳо коркарди аввалияро гузаштаанд (пахта дар бастҳо, чӯб, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, металл ва ғайра) дар сохтори содирот ва воридот бартарӣ дорад [2, 163]. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои ИДМ дар сатҳи хело хуб қарор дорад.

Ҷадвали 1

Воридоти ҶТ аз баъзе кишварҳои ИДМ (бо млн. доллари ИМА)

| № | Мамлакат | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Руссия | 960,9 | 1186,3 | 985,7 | 967,9 |
| 2 | Қазоқистон | 604,3 | 680,4 | 481,1 | 536,6 |
| 3 | Узбекистон | 58,0 | 9,5 | 33,6 | 133,2 |
| 4 | Қирғизистон | 73,1 | 32,7 | 16,8 | 48,2 |

*Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон-2019 сол, саҳифаи-337*

Чи тавре аз ҷадвали 1 маълум аст муносибатҳо рӯз аз рӯз рӯ ба инкишоф дорад. Масалан, ҳамкориҳои тиҷоратии ҶТ бо Федератсияи Руссия ва Ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон хело хуб ба роҳ монда щудааст. Таҳлилҳои дар ҷадвал овардашуда исботи он ҳастанд, ки воридот ба ҶТ нисбат ба солҳои 2012-ум аз Руссия +7, Қирғизистон -24,9, Қазоқистон -67,7 ва Ҷумҳурии Узбекистон +75,2 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Ҳангоми барқарор кардани робитаҳои наздиктар байни кишварҳо, диверсификатсияи робитаҳои тиҷоратӣ имконпазир буд, аммо ба ин якчанд омилҳо халал мерасонанд:

• ташкили ҳудудии истеҳсолоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли зиёда аз 80 сол бо тақсимоти меҳнат ва идоракунии нақшавӣ муайян карда шуд;

• ҷанги шаҳрвандӣ, ки тақрибан фавран оғоз ёфт (пас аз пошхӯрии СССР), ки барои иқтисоди Тоҷикистон натиҷаи бад овард, қисми зиёди саноат хароб шуд, фондҳои асосӣ хароб шуданд,

• хуруҷи кадрҳои баландихтисос ба хориҷа, аз ҷумла ба Русия, ин ва омилҳои дигар номенклатураи маҳдуди содиротро ба вуҷуд оварданд.

Албатта, ҳоло аз ҷониби Тоҷикистон ва Русия барои таҳким ва рушди минбаъдаи муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ тадбирҳо андешида шуда истодаанд.

Ҷадвали 2

Содироти ҶТ ба баъзе кишварҳои ИДМ (бо млн. доллари ИМА)

| № | Мамлакат | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Қазоқистон | 101,7 | 177,7 | 194,9 | 299,9 |
| 2 | Руссия | 106,9 | 50,9 | 50,6 | 55,2 |
| 3 | Узбекистон | 4,0 | 3,3 | 35,6 | 155,3 |
| 4 | Қирғизистон | 7,1 | 7,7 | 8,9 | 14,1 |

*Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон-2019 сол, саҳифаи-341*

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 исботи он ҳастанд, ки муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии ҶТ бо дигар кишварҳо дар ҳолати рушдёбӣ аст. Таҳлилҳои дар ҷадвал овардашуда исботи он ҳастанд, ки содирот аз ҶТ нисбат ба солҳои 2012-ум ба Руссия -51,7, Қирғизистон +14,1, Қазоқистон +198,2 ва Ҷумҳурии Узбекистон +151,3 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Диаграммаи 1.

Содироти намудҳои асосии маҳсулоти таъиноти истеҳсолӣ-техникӣ, ашёи хом ва молҳои истеъмолии халқ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо (ҳазор доллар)




*Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон-2019 сол, саҳифаи-344*

Дар диаграммаи 1 содироти намудҳои асосии маҳсулоти таъиноти истеҳсолӣ-техникӣ, ашёи хом ва молҳои истеъмолии халқ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо (ҳазор доллар) оварда шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз рақамҳои дар диаграмма овардашуда нишондиҳандаҳои Федератсияи Руссия бартарӣ дорад. Масалан дар соли 2018 нишондиҳандаҳо чунинанд: Ҷумҳурии Қазоқистон 5486, Ҷумҳурии Қирғизистон 1018, Федератсияи Руссия 25961 ва Ҷумҳурии Узбекистон 1841-ро ташкил медиҳад.

Диаграммаи 2.

Воридоти намудҳои асосии маҳсулоти таъиноти истеҳсолӣ-техникӣ, ашёи хом ва молҳои истеъмолии халк ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор доллар).




*Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон-2019 сол, саҳифаи-346*

Нишондиҳандаҳои диаграммаи мазкур исботи онро мекунад, ки дар ин нишондиҳанда пешсаф Федератсияи Руссия мебошад. Мисол: дар соли 2018 535049, Ҷумҳурии Узбекистон 3985, Ҷумҳурии Қирғизистон 25633 ва Ҷумҳурии Қазоқистон 9952 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Тавре ки мо қайд кардем, Федератсияи Русия мақоми шарики стратегии Тоҷикистонро дорад, Руссия яке аз шарикони муҳимтарини тиҷоративу иқтисодӣ барои ҷумҳурӣ боқӣ мемонад.

Чи тавре, ки Пешвои миллат дар Пайёми хеш қайд карданд: "**Мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад**[1]".

Бинобар ин барои рушди саноатикунонии мамлакат маблағгузориҳои хориҷӣ нақши калонро мебозад.

Дар соли 2018 маблағгузории умумии аз ҷониби сармояузорони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 644,4 млн доллари ИМА-ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2012 поён рафтааст, хусусан ба 0,8% кам шудааст[1].

Дар оянда ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодиро тавассути ташкили корхонаҳои муштараки коркарди саноатӣ оид ба коркарди меваю сабзавот, нахи пахта имконпазир аст. Инчунин лоиҳаҳои муштарак дар самти омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои баландихтисос, қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии Руссия, рушди сайёҳии кӯҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра умедбахшанд.

Ҷадвали 3.

Шумораи корхонаҳои муштараки фаъолияткунанда дар ҳудуди ҷумҳурӣ

| Номгуй | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 |
|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Вилояти Суғд | 20 | 21 | 21 | 34 |
| Вилояти Хатлон | 3 | 2 | 23 | 29 |
| НТҶ | 5 | 7 | 5 | 78 |
| Ш.Душанбе | 129 | 159 | 216 | 507 |

*Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон-2019 сол, саҳифаи-221*

Таҳлилҳо нишон медиҳанд (ҷадали 3), ки теъдоди корхонаҳои муштарак дар соли 2018 дар қаламрави ҷумҳурӣ 507-ададро ташкил медиҳад. Зиёд кардани корхонаҳои муштарак баҳри рушди тиҷорати ҶТ бо хориҷи кишвар баъзе бартариҳоро дорост.

Рушди соҳибкорӣ афзалиятҳои зиёде дорад ба монандӣ:

1. Зиёд шудани шумораи соҳибмулкон, яъне ташкил шудани синфи миёна ҳамчун кафолати асосии низоми сиёсӣ ва ҷомеаи демократӣ.

2. Афзоиши саҳми иқтисодии аҳолии фаъол, ки афзоиши саҳми онҳо дар иқтисодиёт ба зиёдгаштани даромади шаҳрвандон ва барои ба мизоҷ овардани таносуб миёни гуруҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

3. Пайдо намудани фардиятҳои нисбатан фаъол ва қобили меҳнат, ки барояшон соҳибкории хурд мактаби аввалини худтатбиққунӣ ба ҳисоб меравад.

4. Ташкили ҷойҳои нави корӣ бо сарфи ҳар чӣ камтари хароҷот, махсусан дар соҳаи хизматрасонӣ.

5. Омода намудани мутахассисон аз ҳисоби кормандоне, ки маълумоти расмиашон маҳдуд ва ё нопурра буда, барои баланд бардоштани тахассусашон дар ҷои кор эҳтиёҷ доранд.

7. Коркард ва ҷорӣ намудани навгониҳои технологӣ, техникӣ ва ташкилӣ.

8. Беҳтар намудани муносибатҳо миёни бахшҳои гуногуни иқтисодӣ.

Умуман, бунёди сохтори бахши соҳибкории иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси шаклҳои мухталифи моликият ташкил гардидаанд ва фаъолияти якҷояи онҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ғайримонополизатсиякунони иистеҳсолот маҳсуб ёфта, рақобати солими миёни истеҳсолкунандагонро тақвият мебахшад.

Баҳри боз ҳам беҳтар кардани муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ корхонаҳои муштаракро бояд зиёд кард то ин ки ҷойҳои кории нав баҳри баландбардории сатҳи зиндагонии мардуми кишвар имконпазир шавад.

ПАЙНАВИШТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 26.12.2019.
2. Ашуров И.С., Рахимов П.С. Совершенствование торгово-экономических отношений Республики Таджикистан и Российской Федерации/ И.С.Ашуров, П.С.Рахимов// - Душанбе: Эр-граф, 2018. - 163 с.
3. Бозоров Ш.Ш. Асосҳои соҳибкорӣ / Ш.Ш.Бозоров// Душанбе-Эр-Граф 2018.-428с.
4. Бойматов А.А., Кадыров А.Л. Основы предпринимательства и маркетинг.-Худжанд: ООО «Хуросон», 2002 - 204 с.
5. Кодиров Ф.А. Анализ практики акционирования промышленных предприятий в зарубежных странах/Ф.А.Кодиров// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2012. № 2/1 (80). С. 102-107.
6. Назарова Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество. - Душанбе: Ирфон, 1997.
7. Рахимов П.С. Проблемы дисбаланса товарооборота Республики Таджикистан и России //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2017. - №2-6. - С. 167-172.
8. Статистический Ежегодник Республики Таджикистан. Душанбе, 2019.


REFERENCES


1. Address of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation, Emomali Rahmon to the Majlisi Oli 26.12.2019.
2. Ashurov IS, Rakhimov PS Improvement of trade and economic relations between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation / IS Ashurov, PS Rakhimov // - Dushanbe: Er-graf, 2018. - 163 p.
3. Bozorov Sh.Sh. Fundamentals of Entrepreneurship / Sh.Sh.Bozorov // Dushanbe-Er-Graf 2018.-428p
4. Boymatov AA, Kadyrov AL Fundamentals of Entrepreneurship and Marketing.-Khujand: LLC "Khuroson", 2002 - 204 p.
5. Kodirov FA Analysis of the practice of corporatization of industrial enterprises in foreign countries / FA Kodirov // Bulletin of the Tajik National University. A series of socio-economic and social sciences. 2012. № 2/1 (80). pp. 102-107.
6. Nazarova TN Market economy and international cooperation. - Dushanbe: Irfon, 1997.
7. Rakhimov PS Problems of trade imbalances in the Republic of Tajikistan and Russia // Bulletin of the Tajik National University. A series of socio-economic and social sciences. - Dushanbe, 2017. - №2-6. - pp. 167-172.
8. Statistical Yearbook of the Republic of Tajikistan. Monday, 2019.